# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА–018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № __
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 17 октябри соли 2025, тахти №101

Бораи сазовор донистани Самизода Фурқат Давлаталӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 12 июли соли 2025, суратмаҷлиси №88 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА–018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №16/шд тасдиқ шудааст) қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Самизода Фурқат Давлаталӣ 13 феврали соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2009 ба шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтиссоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2013 хатм намудааст.

Аз моҳи октябри соли 2014 ба кор дар мақомоти прокуратура қабулшуда, дар зинаҳои гуногуни мақомот, аз ҷумла коромӯз дар вазифаи муфаттиши прокуратураи наклиёти Суғд, ёрдамчии прокрори шаҳри Ҳисор, муовини прокурори ноҳияи Ёвон фаъолият намудааст. Аз моҳи октябри соли 2024 инҷониб дар вазифаи прокурори раёсати назорати қонуни будани санадҳои судии оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2017, № 01–05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида аст.

Рисолаи номзадии Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 –

Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносиӣ, профессор Сангинзода Дониёр Шомаҳмад дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 29 апрели соли 2017, суратмаҷлиси №8 (18–19) тасдиқ шудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ дар вақти муқарраршуда аз ҷониби унвонҷӯ супорида шуда, шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 7 январи соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи милии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милии Тоҷикистон иҷро шуда, 19 майи соли 2025, суратмаҷлиси №10 ба ҳимоя ҳимоя ба Шурои диссертатсионӣ тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Сангинзода Дониёр Шомаҳмад** –доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**– Бобозода Ҷамрод Қурбон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

– **Сидиқов Дилшод Ахрорович**, – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таҳсилоти олии касбии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе)

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Раупова Манзура Турсуновна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (аз рӯйи ихтисоси: 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ–назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академия Олимзода Д.А. ва котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академия Раҳимов Д.Қ. имзо ва аз ҷониби Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педогогӣ, дотсент Сафарзода Даврон Ҷурахон тасдиқ шудааст, қайд мегардад, ки

диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ оид ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ–амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзӯи диссертатсия ва моҳияти он 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашриёҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1–М]. Самизода, Ф.Д. Шартномаи хизматрасонии пулакӣ ҳамчун намуди аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳӣ [Матн]: / Ф.Д. Самизода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – №1 (17). – С. 166 – 172. ISSN 2414–9217

[2–М]. Самизода, Ф.Д. Баъзе пешниҳодҳо оид ба рушди сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон [Матн]:/ Ф.Д. Самизода // Қонунгузорӣ. – 2020. – №4 (40). – С.53–57. ISSN 2410–2903

[3–М]. Самизода, Ф.Д. Баъзе таҳлилҳо оид ба мафҳуми “Сайёҳӣ”, “Сайёҳ” ва “Сайёҳат” [Матн]: / Ф.Д. Самизода // Идоракунии давлатӣ. – 2020. – №4/2 (49). – С. 191–196. ISSN 2664–0651

[4–М]. Самизода, Ф.Д. Заминаҳои ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ [Матн]: / Ф.Д. Самизода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – №4 (36), 2020. – С.207–211. ISSN 2305–0535

[5–М]. Сангинзода, Д.Ш., Самизода, Ф.Д. Правовое регулирование туристической деятельности в Китае, Японии и Европейском союзе:

сравнительный анализ с рекомендациями для Республики Таджикистан[Матн]: / Д.Ш. Сангинзода, Ф.Д. Самизода // Правовая жизнь. – 2025. – №3 (51). – С.102–112. ISSN 2307– 5198

**II.Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷмӯаҳо ва нашрияҳои илмию амалӣ чоп шудаанд:**

[6–М]. Самизода, Ф.Д. Заминаҳои илмӣ ва амалии танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / Ф.Д. Самизода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи “Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (18– уми майи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 171–175.

[7–М]. Самизода, Ф.Д. Баъзе андешаҳо оид ба сайёҳии байналмилалӣ[Матн]: / Ф.Д. Самизода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019–2021) ва “400 – солагии Миробид Сайидои Насафӣ” Ҷилди II. – Душанбе, 2019. – С.142–143.

[8–М]. Самизода, Ф.Д. Шартномаи хизматрасонии пулакӣ ҳамчун намудҳои гуногуни аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳӣ [Матн]: / Ф.Д. Самизода //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ–назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Љумҳурии Тољикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 – солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70–солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С.100–110.

[9–М]. Самизода, Ф.Д. Определения и виды иностранных экономических сделок в международном туризме[Матн]: / Ф.Д. Самизода // Актуальные вопросы юриспруденции: материалы VII Международной научно – практической конференции (Душанбе, 30 апреля 2020 г.) – Душанбе: РТСУ, 2020. – С. 52–56.

[10–М]. Самизода, Ф.Д. Санадҳои қонунгузории миллии танзимкунандаи сайёҳии байналмилалӣ[Матн]: / Ф.Д. Самизода // Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (8-уми октиябри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 253– 262.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти

назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3;

– **Раҳмон Далер Сафарбек** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе;

– **Абдураҳимзода Сиёвуш Қурбоналӣ** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

– **Соҳибзода Муҳиддин Соҳиб,** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи хадамоти гумрукии Донишгоҳи давлатии Данғара.

Ҳамаи муқарризон дар маҷмуъ таҳқиқоти анҷомдодаро мусбат арзёбӣ кардаанд. Ҳамзамон дар баъзе тақризҳо эродҳо ба назар мерасанд. Эродҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, оид ба таъсири анъанаҳои фарҳангӣ ва табиии Тоҷикистонро ба танзими ҳуқуқии сайёҳӣ, таҳлили амалияи судӣ ва баҳсҳои ҳуқуқӣ, таҳлили муқоисавии қонунгузории кишварҳои хориҷӣ (ба монанди Франсия, Британияи Кабир ва ИМА), таъсири технологияҳои нав, аз қабили рақамисозӣ ва зеҳни сунъӣ, ба аҳдҳои байналмилалӣ, набудани меъёрҳои мушаххас барои масъулияти миёнравон, шакли моликияти ташкилотҳои хизматрасонии сайёҳии байналмилалӣ, бештар истифода шудани таҳқиқотҳои олимони ватанӣ равона шудаанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд**: консепсияи танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ бо назардошти таҳлили амиқи он дар ҳамоҳангӣ бо ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар шакли комплексӣ дар доираи рисолаи илмӣ;

– **пешниҳод шудааст**: барои пурра истифода бурдани потенсиали ин соҳаи сайёҳӣ зарур аст, ки мафҳуми сайёҳии байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ дақиқ муайян карда шуда, намудҳо ва талаботи он

мушаххас гарданд. Сайёҳии байналмилалӣ намудҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо ба мақсадҳои мушаххаси сафар, хусусиятҳои ташкил ва талаботи сайёҳон асос ёфтаанд ва дар Тоҷикистон чунин намудҳояш бештар рушд намудаанд: сайёҳии фарҳангӣ; сайёҳии экологӣ; сайёҳии табобатӣ; сайёҳии тиҷоратӣ; сайёҳии кӯҳнавардӣ ва ғайра;

**–исбот шудааст**: сайёҳии байналмилалӣ як самти фаъолияти соҳибкорӣ буда, сайёҳати шахсони воқеиро ба Тоҷикистон ва сайёҳати шаҳрвандони Тоҷикистонро кишварҳои хориҷӣ бо мақсадҳои гуногун, аз қабили истироҳат, омӯзиши фарҳанг, табобат, тиҷорат ва муошировати байналмилалӣ дар бар мегирад. Ин фаъолият на танҳо ба афзоиши даромади иқтисодии кишвар мусоидат мекунад, балки ба мубодилаи фарҳангӣ, таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди устувори захираҳои табиӣ ва таърихӣ низ хизмат менамояд;

**–ҷорӣ намудани**: таснифоти ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ ба шаклҳои алоҳида ва зернамудҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо ташкили сафарҳо (хизматрасониҳо) ва ҷараёни тиҷорати байналмилалӣ бо назардошти махсусиятҳои онҳо.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳо ва пешниҳодҳои бадастомада дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, ин таҳқиқотҳо ба мукаммалсозии адабиёти таълимӣ дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин такмили қонунгузорӣ дар ин самт равона шудаанд. Аз ҷиҳати назариявӣ, аҳаммияти таҳқиқот дар истифодаи маводи диссертатсионӣ барои таҳлил ва хулосабарории масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ зоҳир мешавад, ки маълумотҳо ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои бадастомада дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба сайёҳии байналмилалӣ метавонанд дар ҳалли як қатор мушкилоти илмҳои ҳуқуқшиносӣ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузорӣ дар диссертатсия:** самаранок ҷанбаҳои консептуалии назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) ва ҳамзамон дар таҳқиқот усулҳои умумӣ–илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли шаклӣ–ҳуқуқӣ, муқоисавӣ–ҳуқуқӣ, таърихӣ–ҳуқуқӣ ва ғайра истифода бура шудаанд.

**– баён шудани** мафҳуми аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ ҳамчун шартномаҳои байни субъектҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ, ки ба ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ аз қабили истироҳат, сафарҳои фарҳангӣ, табобат

ва чорабиниҳои тиҷоратӣ нигаронида шудаанд. Ин аҳдҳо муносибатҳои хизматрасониро бо иштироки тарафҳои сайёҳии байналмилалӣ танзим мекунанд. мусоидат мекунанд;

– **ошкор гардидани** хусусияти асосии аҳдҳои иқтисоди беруна, ки дар трансмиллӣ будани он, зарурати риояи меъёрҳои байналмилалӣ ва мураккабии танзими ҳуқуқӣ ифода мешаванд, зеро онҳо ба қонунгузории миллии тарафҳо ва стандартҳои Созмони Ҷаҳонии Сайёҳӣ такя мекунанд;

– **омӯхта шуданд**: намудҳои асосии аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ: 1) Шартномаи хизматрасонии пулакӣ – ба анҷоми хизматрасониҳои мустақим ба монанди истиқомат дар меҳмонхона ё роҳбаладӣ нигаронида шудааст; 2) Шартномаи миёнравӣ – ба ташкили хизматрасониҳо аз ҷониби агентии сайёҳӣ равона аст; 3) Шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ – интиқоли сайёҳон тавассути ҳавопаймо, қатора ё автобусро дар бар мегирад;

– **аз нав такмил додани** моддаҳои 1, 3, 5, 7, 8, 10, 12, 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ». Тағйиру иловаҳо ба Қонун бо мақсади такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ ва мусоидат ба рушди ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда ба бартараф кардани камбудиҳои мавҷуда, аз қабили набудани меъёрҳои мушаххас барои танзими аҳдҳои иқтисоди беруна, заъфи ҳимояи ҳуқуқи сайёҳони хориҷӣ ва мутобиқати нокифоя ба тавсияҳои Созмони Ҷаҳонии Сайёҳӣ нигаронида шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории маданӣ, соҳибкорӣ ва дигар паҳлуҳои қонунгузории соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ ба таври васеъ корбурд шаванд.

–**муайян карда шуда**, ки шартномаи хизматрасонии пулакӣ, шартномаи миёнравӣ ва шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ намудҳои асосии аҳдҳои иқтисоди берунаро ташкил дода, дар қонунгузории Тоҷикистон бо нофаҳмиҳои зиёди ҳуқуқӣ рӯбарӯ мебошанд;

–**офарида шуд**: Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» таҳия гардид. Лоиҳаи пешниҳодшудаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» барои бартараф кардани камбудиҳои қонунгузории миллӣ, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ ва мусоидат ба рушди соҳаи сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон нигаронида шудааст. Амалисозии ин лоиҳа

метавонад Тоҷикистонро ба яке аз маконҳои ҷолиби сайёҳии байналмилалӣ табдил диҳад, ки ба афзоиши даромади миллӣ, коҳиши сатҳи бекорӣ ва таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

**– муаррифӣ карда шуд**: таносуби шартномаи хизматрасонии пулакӣ, шартномаи миёнравӣ ва шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ дар он аст, ки шартномаи хизматрасонии пулакӣ хизматрасонии мустақимро, шартномаи хизматрасонии миёнаравӣ ташкили онро ва шартномаи хизматрасонии нақлиётӣ шарти техникии сафарро таъмин мекунад, аммо дар қонунгузории Тоҷикистон фарқияти онҳо дақиқ муайян нашудааст. Ин норасоӣ боиси нофаҳмиҳо дар масъулияти тарафҳо ва коҳиши эътимоди сайёҳон мегардад. Барои ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки қонунгузорӣ бо муайян кардани таносуби ин шартномаҳо такмил ёфта, меъёрҳои мушаххас барои масъулият ва сифати хизматрасониҳо ҷорӣ карда шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ба даст оварда шудаанд.

**– барои корҳои таҷрибавӣ**: хулосаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва такмили қонунгузории кишвар мавриди истифода қарор гиранд. Хусусан, хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот дар масъалаҳои марбут ба мафҳумҳои сайёҳии байналмилалӣ, аҳдҳои иқтисоди хориҷӣ, аз ҷумла тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ”, таҳияи санадҳои нави ҳуқуқӣ, ҳамчунин таҳия ва қабули стратегияҳо ва консепсияҳои давлатӣ нақши муҳим мебозанд. Ин пешниҳоди илмӣ имконият медиҳад, ки қонунгузорӣ бо талаботи муосир ва воқеияти иҷтимоии кишвар ҳамоҳанг гардонида шуда, амалӣ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ҳифзи манфиатҳои сайёҳон беҳтар таъмин карда шавад. Хдмзамон, хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот дар раванди ҳуқуқтатбиқсозӣ барои такмил ва ташаккули муассири соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти калони амалӣ доранд ва метавонанд заминаи воқеан устувор барои рушди соҳаи сайёҳӣ гардад;

– **ғоя асоснок шудааст**: ҳуқуқ нисбати аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо, масъулият ва манфиатҳои тарафҳои шартнома – танзимгари сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ, хизматрасонон ва сайёҳони хориҷиро муайян мекунад. Барои муайян кардани ҳуқуқ дар аҳдҳои иқтисоди беруна зарур аст, ки масъулияти хизматрасонон (меҳмонхонаҳо, роҳбаладон),

миёнравон (агентии сайёҳӣ) ва субъектони хизматрасонии нақлиётӣ дақиқ муқаррар карда шуда, тартиби ҷуброни зиён ба сайёҳон мушаххас гардад. Ин тадбирҳо метавонанд шаффофияти муносибатҳои шартномавиро афзоиш дода, ба баланд шудани ҷаззобияти Тоҷикистон барои сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд. Барои ин зарур аст, ки қонунгузорӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи байналмилалӣ оид ба шартномаҳои сафар мутобиқ гардонида шуда, механизмҳои арбитраж таъсис дода шаванд;

– **истифода шудаанд**: қиёси танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар кишвар бо давлатҳои тараққиёфта, ба монанди Федератсияи Русия, Иттиҳоди Аврупо ва дигарҳо, пешниҳодҳои назариявию амалиро баҳри рушди бозори сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **муайян шудаанд**: Сайёҳии байналмилалӣ муносибатҳои мураккаби ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки танзими он ба мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ вобаста аст. Набудани меъёрҳои мушаххас барои сертификатсияи роҳбаладон, марказҳои табобатӣ ва сифати хизматрасониҳо ба баҳсҳои ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Тавсияҳои Созмони Ҷаҳонии Сайёҳӣ, аз ҷумла Кодекси ҷаҳонии ахлоқи сайёҳӣ (1999), таъкид мекунанд, ки танзими сайёҳӣ бояд ба ҳифзи муҳити зист, эҳтиром ба фарҳангҳои маҳаллӣ ва таъмини баробарии иҷтимоӣ нигаронида шавад. Барои ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки қонунгузории миллӣ бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ такмил дода шуда, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон таҳким ёбанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ–назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба таҳқиқоти танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ аз 17 октябри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Самизода Фурқат Давлаталӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои

Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

17 октябри соли 2025